«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров»
номзади илмҳои таърих, дотсент
_______________Набизода М.С.
аз «30» ___04___ соли 2026

**Тақризи**

муассисаи пешбар МТД «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба кори диссертатсионии Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус)

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус, аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Илм дар бораи ихтилоли нутқ, усулҳои пешгирии вайроншавии нутқ, муайян кардан ва бартараф кардани онҳо тавассути таълиму тарбияи махсус; банди 4.2. – Сабабҳо, механизмҳо, аломатҳо, сохтори вайроншавии нутқ; системаи корҳои ислоҳӣ; таҳияи системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълим, ислоҳ ва пешгирии ихтилоли нутқ мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти таҳқиқоти** интихобнамудаи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб бо он муайян карда мешавад, ки таҳқиқи хусусиятҳои равонӣ-педагогии кӯдакони синни томактабии дорои нуқсонҳои нутқӣ ва истифодаи методу усулҳои босамари ислоҳӣ дар шароити таҳсилоти фарогир бахшида шудааст. Дар таҳқиқотт шароитҳои педагогии таълиму тарбия вобаста ба хусусиятҳои психологию педагогии кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва истифодаи амсилаи педагогии баргузории чорабиниҳои ислоҳкунӣ оид бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар асоси намудҳои гуногуни машғулиятҳо, фаъолиятҳо, иштироки оила, ҳамоҳангсозии кори мураббия ва логопед таҳлилу таҳқиқ гардидаанд.

Муҳаққиқ хеле бамаврид қайд намудааст, ки ҷомеаи кунунии мо, бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаққи чунин кӯдакон ҳамаҷониба ғамхорӣ зоҳир менамояд, ба муассисаҳои таълимӣ фаро гирифта мешаванд ва ин муассисаҳо бо мураббиёни соҳибтаҷриба, мутахассисони касбӣ ва маводи таълимӣ таъмин мебошанд.

Имрӯз аз ҷониби давлату ҳукумат бо мақсади амалӣ намудани таъмини дастрасӣ ва иштироки баробари ҳамаи кӯдакон ба таълиму тарбия бидуни табъиз дар муассисаҳои таълимӣ шароит фароҳам оварда мешавад ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва қабул шуданд. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Консепсияҳо оид ба рушди зинаҳои таҳсилотӣ (мактаби миллӣ, таҳсилоти томактабӣ ва ғайраҳо), аз он ҷумла Консепсияи таҳсилоти фарогир ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномавӣ-методӣ таҳия ва амалӣ гардонда шуда истодаанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, «Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» заминаи устувор ва воқеиро барои ноил шудан ба пешравиҳо таъмин намуданд.

Аз ҷониби Ҳасанзода Хуршед Раҷаб интихоб намудани мавзуи илмӣ оид ба таҳқиқи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ», мубрам ва саривақтӣ буда, он аз ошкор сохтани шароитҳои педагогие иборат мебошад, ки онҳо ба таҳқиқи хусусиятҳои равонӣ-педагогии кӯдакони синни томактабии дорои нуқсонҳои нутқӣ ва истифодаи методу усулҳои босамари ислоҳӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таъсири самарабахш мерасонанд.

Ҷанбаҳои алоҳидаи коркарди масоили назария ва амалии корро дар асарҳои олимону муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла, дастовардҳои олимони хориҷӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла Л.С.Виготский, Ж.Пиаже, И.М.Соловёва, Н.Н.Малофеев, М.С.Певзнер, Ж.И.Шиф, Р.И.Лалаева, Л.Н.Зуева, Л.И.Белякова Р.Е.Левина, В.И.Селеверстов, оид ба рафъи нуқсони нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ М.А. Повалёва, Т.В.Соловёва, О.В.Полозова, Е.Г.Камишникова, С.А.Албошкина, И.В.Егорова, С.Н.Сазонова, О.В.Дзюба, Е.П.Фуреева, О.А.Степанова,

С.Д.Притиковская, Ж.Т.Раҳимова ва олимони ватанӣ М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, Б.Маҷидова, Х.Сабурӣ, Н.М.Юнусова, М.Дадабоева, Р.Рамазонова, З.Раҳмонов, Д.Раҳмонова, Ҷ.Ҳакимова, Т.Ҳақназаров, Д.Салямова мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

**Мақсади таҳқиқоти мазкурро** таҳқиқи хусусиятҳои равонӣ-педагогии кӯдакони синни томактабии дорои нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир ва дар амалия санҷидани самаранокии истифодаи методу усулҳои босамари ислоҳӣ мебошад.

Дар алоқамандӣ бо мақсади таҳқиқот вазифаҳо барои ноил гардидан ба ҳадафҳои муайяни таҳқиқотӣ таҳия ва амалӣ гардидаанд, ки фароҳам овардани шароитҳои педагогии таълиму тарбияро вобаста ба хусусиятҳои психологию педагогии кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ; коркарди амсилаи педагогии баргузории чорабиниҳои ислоҳкунӣ оид бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 соларо бо истифода аз роҳу усулҳои таъсиркунанда ба ин раванд (намудҳои гуногуни машғулиятҳо, фаъолиятҳо, иштироки оила, ҳамоҳангсозии кори мураббия ва логопед) бо истифода аз Барномаи кории «Дуруст нутқ карданро меомӯзем" дар бар гирифтаанд.

**Объект ва мавзуи таҳқиқот** мантиқан бо ҳам алоқаманд буда, таҳқиқи равандро шароитҳои педагогии омузишу таҳқиқу кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муҳити таҳсилоти фарогири МТТ ташкил намудааст. Ягонагию робитаи мантиқии мақсаду вазифаҳо имконият додааст, фарзияи илмии таҳқиқот ва нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда бо ҳам мувофиқат намоянд ва кори таҳқиқотӣ дар муддати банақшагирифта ба анҷом расонида ва ба расмият дароварда шавад.

Дар фарзияи кор Ҳасанзода Хуршед Раҷаб муайян намудааст, ки раванди таҳқиқи хусусиятҳои равонӣ-педагогии кӯдакони нуқсони нутқдошта дар он вакт босамар мегардад, агар шароитҳои педагогӣ барои таҳқиқи хусусиятҳои психологию педагогии таълими кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таъмин карда шавад ва амсилаи педагогӣ ва Барномаи кории «Дуруст нутқ карданро меомӯзем» барои бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар муассисаи таълимии томактабӣ татбиқ гардад. Дар ин марҳила фаъолиятҳои ҳамгирошудаи гурӯҳии кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муҳити таҳсилоти фарогир тахти роҳнамоии мураббия ва логопед, ки

боиси афзоиши бештари луғати фаъол, овозҳои дуруст талаффузшуда, давомнокии бештари муколама гардад, муҳим арзёбӣ мегардад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муҳаққиқ дар рафти кор хусусиятҳои равонӣ-педагогии бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун системаи мукаммал, ки тамоми ҷанбаҳои инкишофи нутқро дар бар мегирад муайян ва мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бинобар ин, муҳаққиқ хеле бамаврид дар рисолаи илмӣ амсилаи педагогии таҳқиқу омузиши роҳҳои бартарфсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7-сола дар ҳамкории МТТ ва оила таҳия намуда, дар озмоиши педагогӣ онро мавриди истифода қарор додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот минбаъд дар коркарди технологияҳои нави педагогӣ ва усулҳои муосири ташхис, ки барои бартарафсозии нуқсони нутқи кӯдакони синни томактабӣ равона шудаанд, мавриди истифода қарор меёбанд.

**Нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳоднамуда** ақидаи муаллифро оид ба мубрамияти бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 соларо бевосита аз ташхиси саривақтӣ ва банақшагирии корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакон ифода мекунанд, фаро гирифтааст. Шароитҳои педагогӣ бо ҳамоҳангсозии фаъолияти байни мураббия ва логопед дар ташаккул додани ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқ, шунавоии фонематикӣ ба хусусиятҳои психологию педагогии таълими кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ мусоидат мекунад. Коркард ва санҷиши Барномаи кории «Дуруст нутқ карданро меомӯзем» вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсони нутқии кӯдакон малакаҳои нутқ ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдаконро дар муҳити таҳсилоти фарогир таъмин менамояд. Муаллифи диссертатсияи мазкур андешаҳои ба дифоъ пешниҳодкардаи худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои он арзёбӣ намудааст. Амалӣ гардидани ин нуктаҳо дар матни диссертатсия ифода гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар навбати аввал ташхиси ҳолат ва мавқеи аввалияи ҳолати нуқсони нутқи кӯдакони синни томактабӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимии томактабиро дар бар гирифта, шароитҳои педагогии таҳқиқу омузиши кӯдакони нуқсони нутқдошта дар шароити муосир оварда шуда, робитаи психологӣ-педагогии муносибати комплексӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакон татбиқ ёфт. Аҳаммияти амалии таҳқиқот, инчунин аз инҳо иборат аст, ки маҷмуи метод ва равишҳои педагогӣ-равонӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни

томактабӣ дар раванди таълим ва корҳои инфиродӣ таҳия ва ҷорӣ карда шуданд. Барномаи кории «Дуруст нутқ карданро меомӯзем» таҳия ва мавриди озмоиш қарор дода шуд. Тавсияҳо барои донишҷӯёни ихтисоси «Логопедия», ки докторант ба донишҷӯён таълим медиҳад, пешниҳод карда мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқоти мазкур дар асосноккунии назариявӣ ва амалии ғояҳои масъалаи таҳқиқшаванда, дар пайвастагии дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод; истифодаи маҷмуи усулҳои марбут ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; анҷомдиҳии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва татбиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, коркарду таҳлили натиҷаҳои маълумоти озмоиш, таҳия ва интишори мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳо ва конференсияҳои илмию байналмилалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва омоданамоии диссертатсия зоҳир мегардад. Таҳияи амсилаи роҳу усулҳои бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ нишон медиҳад, ки муносибати комплексӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз технологияҳои ёрирасон муҳим босамар мебошад. Омодасозӣ ва чопи мақолаҳои илмӣ, иштирок дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва ҷамъбасти кори таҳқиқотӣ мебошад.

Барои бо иҷрои мақсади таҳқиқотӣ ноил гардидани муҳаққиқ ба иҷрои вазифаҳои дар пешгузошташуда амиқу дурусти ба муайянсозӣ ва интихоби асосҳои методологию назариявӣ сарчашмаи маълумотҳою адабиётҳои истифодашаванда, махсусан методҳои назариявию амалии кори таҳқиқотӣ, интихоби пойгаҳи кори таҳқиқотӣ мусоидат намудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба таркиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус), автореферат, мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат мекунад. Мазмуну мухтавои автореферат аз мазмуни матни диссертатсия бармеояд.

Рисолаи илмии мазкур муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳаҷми кор аз 193 саҳифа иборат буда, дар он 12 расм, 6 ҷадвал, 4 диаграмма ва замимаҳо иборат аст.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия оид ба мубрамияти таҳқиқи масъала, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи маълумотҳо, навгониҳо ва аҳмияти назариявию амалии таҳқиқот, фарзия ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, истифодаи заминаҳои эмперикӣ маълумот додааст.

**Боби якум «Таҳқиқи психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синну соли томактабӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар зербоби якуми боби якум – **«Таҳлили психологӣ-педагогии нуксонҳои нутқи кӯдакон дар адабиётҳои педагогӣ-психологӣ»** қайд мегардад, ки дар ҳаёти инсон нутқ басо муҳим буда, яке аз омилҳои пурқуввати рушди кӯдак ба ҳисоб меравад. Тавассути нутқ одамон бо якдигар фикри худро мефаҳмонанд ва ба якдигар таҷрибаи ҳаётии худро баррасӣ менамоянд. Нутқ воситаи асосии гуфтугӯи байни инсон аст. Муҳаққиқ нуқтаи назари олимонро таҳлил намуда, қайд мекунанд, ки нутқ ин уҳдадории мураккаб аст ва рушди он ба сабабҳои бисёр вобаста аст. Дар ин ҷо нақши муҳимро таъсири муҳити атроф мебозад. Кӯдак гапзаниро дар асоси нутқи падару модар, тарбиятгару атрофиён ёд мегирад. Барои кӯдак аз синни хурдӣ нутқи бурро ва мутассири атрофиён бисёр муҳим аст. Талаффузи ҳиҷогии калима барои кӯдакон мушкилии зиёдеро пеш меорад ва баргузории корҳои логопедӣ диққати махсуси мураббия ва логопедро талаб менамояд.

Зербоби дуюми боби якум – **«Нутқ ва аҳамияти он. Сабабҳои ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ»** таҳлилу баррасӣ шудааст. Муайян гардидааст, ки сабабҳои вайроншавии нутқ метавонанд гуногун бошанд. Ба рушди он метавонад ҳам омилҳои беруна ва ҳам омилҳои дохилӣ нақш бозад, ки дар он на танҳо фаҳмидани сабабҳои органикӣ марказӣ ва перифери, функсионалии вайроншавии нутқ, балки фаҳмидани он ки чӣ гуна ба нутқи кӯдак таъсири манфӣ мерасонанд, омӯхта шудааст. Аз ҷумла, омилҳои ирсӣ дар рушди вайроншавии нутқ дар кӯдакон нақши муҳим мебозанд. Онҳо аксар вақт шароитеро фароҳам меоранд, ки дар он мушкилоти нутқ дар якҷоягӣ бо таъсири беруна ва омилҳои иҷтимоӣ зоҳир мешаванд. Сабабҳои вайроншавӣ ва норасоиҳои воситаҳои нутқи шифоҳӣ дар рисолаи илмӣ дар саҳифаи 35 оварда шудааст.

Дар зербоби сеюми боби мазкур **«Роҳу усулҳои баргузории корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони синни томактабӣ»** муҳаққиқ муайян намудааст, ки имрӯз методикаҳои махсуси таҳқиқи психологию педагогии кӯдакони дорои нуқсони нутқии синни барвақт ва томактабӣ коркард мегарданд. Ба андешаи мо дар раванди кори ислоҳию педагогӣ бо кӯдакони сини

барвақти томактабии нуқсони нутқдошта фарқиятҳои синнусолии онҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд. Нафасгирии нутқӣ – ин мувофиқкунонии дурусти нафасгирӣ ва нафасбарорӣ дар вақти ба вуҷудоии овозҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳо мебошад. Машқҳои таълимӣ, шеърҳо, тезгӯяк низ барои овозбарорӣ ва талаффузи дурусти бо кӯдакон гузаронида шуда, минбаъд дар нутқи ҳаррӯза истифода бурда мешаванд.

Ҳангоми кор бо овоз хурдсолон бо расмҳо, қофия ва оҳанги забон ошноӣ пайдо мекунанд. Ба нутқи калонсолон талабот пайдо мешавад. Дар ҳар як гуфтор ба маъно, оҳанг ва задаи мантиқӣ дар калима риоя мешавад. Амсилаи педагогии баргузории чорабиниҳои ислоҳкунӣ оид бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола коркард гардидааст.

**Дар боби дуюм «Шароитҳои педагогии баргузории корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ»** дида баромада шудааст. Дар зербоби якуми боби дуюм **«Тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир»** таҳлил гардидааст.

Мавриди кор диссертант Ҷамолбии Хабибулло муайян намудааст, Яке аз шартҳои асосии муваффақиятҳои таҳсилоти фарогир ба салоҳияти касбии мураббия вобаста аст. Хусусияти ташкили таҳсилоти фарогир аз он иборат аст, ки мураббиён бояд аз омодагии махсуси касбӣ гузаранд. Мураббиён бояд донишҳо дар бораи таҳсилоти фарогир ва психологияи синну солӣ, хусусиятхои психофизиологии кӯдакон, методикаи баргузории машғулиятҳои таълимӣ ва инфиродӣ бохабар буда, бо кӯдакони дорои маҳдудияти ҷисмонӣ ва саломатӣ дошта кор бурда тавонанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Воситаҳои педагогии ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқи кӯдакон дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ»** қайд намудааст, ки сабаби асосии пурра инкишоф наёфтани ҷанбаи фонетикӣ камии луғат, боздошти ташаккули сохтори ғрамматикии нутқ, талаффузи кӯтоҳ, омехтагии нутқ ва ғайра мебошад. Танҳо ҳангоми таҳқиқи махсус камбудиҳои гуногуни анҷомаҳои ҳиссаҳои нутқро фаҳмидан мумкин аст. Бо кӯдакони дорои чунин мушкилот аз аввали соли таҳсил бо таҳқиқи инфиродии онҳо машгул шудан зарур аст. Бинобар ин, ҳам ба талаффузи овозҳои алоҳида ва ҳам ба тарзи изҳори сохтори овозии калимаҳо аҳамият додан бамаврид аст. Машқҳои артикулятсиониро (талаффузкунӣ) барои кӯдакони гирифтори нуқсони нутқ, ки аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ коркард щудаанд, мавриди истифода қарор додааст. Дар рисолаи илмӣ

ҷадвали бозиҳои нуткӣ, технологияи хондани асарҳои бадеӣ, иҷрои машқҳои таълимӣ, истифодаи маводи аёнӣ (садоӣ, аудиовизуалӣ) барои кӯдакон дар раванди баргузории машғулиятҳо ва берун аз он дар барномаи кории «Дуруст нутқ карданро меомӯзем» пешниҳод шудаанд.

Дар боби сеюм **«Таҳқиқи хусусиятҳои батарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир»** дида шудааст. Дар зербоби якуми боби сеюм **«Хусусиятҳои баргузории корҳои логопедӣ дар озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он»** қайд мегардад, ки назария ва амалияи таҳсилоти фарогир дар якҷоягӣ ба таҳсил фарогирии кӯдакони имконияти маҳдуддошта ва солимро роҳандозӣ менамояд. Амалӣ гардонидани ин раванд омодагии мураббия, таъминоти методию барномавӣ ва таъмин намудани муҳити фарогир барои ҳамаи иштирокчиёнро талаб менамояд. Машгулият ба кӯдакони нутқашон нуқсдор ва мушоҳида дар мавриди талаффуз муҳаққиқро ба хулосае овардааст, ки таркиби ҳиҷоии калима ба ду роҳ ташаккул меёбад - ёд додани талаффузи калима ва кори бевосита бо калима. Дар асоси чунин мушоҳида аз болои аксуламалҳои нутқии кӯдак ва натиҷаҳои санҷиши махсус сатҳи фаҳмида шудани нутқи шифоҳӣ аз ҷониби кӯдак ва ҳолати нутқи мустақилонаи ӯ дар оғози омузиш муайян карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқ ба протоколи супориш ворид гардиданд, ки намунааш дар рисолаи илмӣ оварда шудааст.

Зербоби дуюми боби сеюм – **«Заминаҳои психологию педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир»** номгузорӣ шудааст ва мақсади асосии ин зербоби рисола дар он мебошад, ки хусусиятҳои фаҳмидани нутқи кӯдакони дорои нуқсони нутқ бо истифода аз роҳу усулҳои босамар дар озмоишҳои таълимӣ кушода шавад. Озмоиш се давраи марҳилаи таҳқиқотро дар бар гирифта, синну соли кӯдакони аз 4-5 сола то ба синни 7 сола расидани кӯдакони мавриди озмоиш қароргирифтаро дар бар мегирад. Ҳангоми гузаронидани озмоишҳо ду гурӯҳ ташкил карда мешавад: назоратӣ ва озмоишӣ. Фаъолияти кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ дар асоси амсилаи таҳияшуда ва барномаи кории «Дуруст нутқ карданро меомӯзем» ташкил гардид.

Арзиши амалии рисола дар он ба назар мерасад, ки муаллиф дар фаъолиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла расмкашӣ, сохтани бозича, гулмонӣ, сохтмон, меҳнати дастӣ барои боз ҳам хубтар алоқаманд гардидани нутқ ва амалҳо шароитҳои педагогиро фароҳам овардааст. Аз ҷумла, мушоҳидаи муҳаққиқ Ҳасанзода Х.Р. нишон додааст, ки барои кӯдак аз ҳама осон нутқ кардан мебошад, ки иҷрои амалро ифода менамояд. (Ман мебурам…; Ман мечаспонам…; Ман ранг мекунам…).

Рушди нутқ дар кӯдакон бо инкишофи ҳаракатҳои ангуштон зич алоқаманд аст. Агар ангуштон суст инкишоф ёбанд, нутқ низ метавонад ақиб монад, ҳатто агар малакаҳои ҳаракати калон муқаррарӣ ё беҳтар бошанд. Дар фаъолиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла расмкашӣ, сохтани бозича, гулмонӣ, сохтмон, меҳнати дастӣ боз ҳам хубтар алоқаманд гардидани нутқ ва амалҳо шароит ба вуҷуд меояд, ки ин муҳимияти баргузории таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳад.

Махсусан, ташкил намудани намоиши корҳои якҷояи кӯдакон дар гурӯҳ ва ба он даъват намудани волидону маъмурияти муассисаи томактабӣ, мураббия ва кӯдакони дигар гурӯҳҳо низ аҳамияти калони тарбиявӣ дорад. Натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки бисёр кӯдакони дорои инкишофашон маҳдуди нуқсони нутқдошта баъд аз баргузории корҳои ислоҳӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсилро идома медиҳанд.

Дар умум, дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар рисола муҳаққиқ Ҳасанзода Х.Р. омузиши нуқсонҳои нутқи кӯдаконро асосан аз нуқтаи назари психологӣ ва педагогӣ таҳқиқ намудааст. Хуб мебуд, агар муҳаққиқ масъалаи мазкурро аз нигоҳи забоншиносӣ (лингвистӣ) низ дида мебароманд, он гоҳ арзиши амалии тадқиқот бештар мегардид.
2. Хулосаи боби дуюми диссертатсия дар ҳаҷми кам ифода ёфтааст, ки мазмуни мухтасари боби мазкурро ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонад.
3. Дар боби сеюми рисола дар мавриди санҷиши озмоишӣ мебоист кор бо оиларо низ дар таҳқиқи хусусиятҳои психологию педагогии таълими кӯдакони нуқсони нутқдошта васеътар мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷагирӣ менамуданд.

4. Сарфи назар аз мутобиқати умумии возеҳии забони рисола, риояи меъёрҳои услубӣ, қоидаҳои пунктуатсия ва имло, дар рисола ва автореферат хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ мавҷуданд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияро дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

**Хулосаи умумӣ**

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Хуршед Раҷаб "Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳасанзода Хуршед Раҷаб сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Раҳмонов Зикриё Пӯлотович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Ҳасанзода Хуршед Раҷаб иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» 16 нафар устодони иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
"тарафдор" - 16 нафар,
"бетараф" - нест,
"муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии

кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз санаи 28.04.2026, протоколи №9).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" номзади илмҳои педагогӣ, дотсент ____________ Ваизода Ш.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ____________ Раҳмонов З.П.

Котиби ҷаласа: ____________ Валиева Б.И.

**Маълумот барои тамос:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; тел: (+992) 926245002, e-mail: shoirakhon.valizoda@mail.ru

*Имзои н.и.п., дотсентон Ваизода Ш., Раҳмонов З.П., ва Валиева Б.И.– ро тасдиқ менамоям.*

Сардори РК ва КМ-и МДТ"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ____________ Сайдуллозода З.С.